Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014
назди Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон
(734067, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14),
e-mail: faridullo72@mail.ru

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қодиров Абдураҳмон Лакимович ба диссертатсияи Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзуи "Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт); 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) пешниҳод гардидааст.**

**1. Мутобиқати диссертасия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсияи Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзуи "Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои 08.00.00 - Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 - Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) ба бандҳои зерини шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ихтисоси 08.00.09 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт: 1.2. Назария ва методологияи амсиласозии иқтисодию математикӣ, таҳқиқи имкониятҳо ва татбиқи онҳо: назария ва методологияи ҷараёнҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва низомҳо дар намуди амсилаҳои математикӣ, иттилоотӣ ва компютерӣ. 1.4. Таҳия ва таҳқиқи амсилаҳо ва методҳои математикии таҳлили равандҳо ва низомҳои микроиқтисодӣ: соҳаҳои хоҷагии халқ, фирмаҳо ва корхонаҳо,

хоҷагиҳо, бозор, механизмҳои ташаккули талабот ва истеъмол, роҳҳои арзёбии микдории хавфи соҳибкорӣ ва асосноккунии хулосаҳои инвеститсионӣ. 1.9. Таҳия ва рушди методҳо ва амсилаҳои математикии таҳлил ва пешбинии рушди иҷтимоию иқтисодии ҷараёнҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ҷараёнҳои демографӣ, бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, сифати зиндагии аҳолӣ ва ғайра. 2.1. Рушди назария, методология ва амалияи озмоиши компютерӣ дар таҳқиқи масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва идоракунӣ. 2.5. Таҳияи муқаррароти консептуалии истифодаи технологияи иттилоотӣ ва иртибототии нав бо мақсади баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ дар низомҳои иқтисодӣ. 2.10. Рушди методҳои афзории (инструменталии) таҳлили механизмҳои фаъолияти бозорҳои молӣ ва хизматрасонӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисоди глобалӣ ва савдои озод, инчунин ба бандҳои шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт): 1. Ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳо дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ. Нақш ва мавқеи хизматрасониҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт. 2. Самаранокии иҷтимоию иқтисодӣ дар муассисаҳои соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт. 4. Омилҳои таъсиррасон ба ҷойгиршавӣ ва самаранокии фаъолияти муассисаҳои соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт. 5. Механизми идоракунии бозори хизматрасониҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт. 13. Таъмини сифати хизматрасониҳо дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт. 14. Идоракунии сифати хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт. 16. Таҳкими иқтидори иқтисодию иҷтимоии хизматрасониҳо дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт. 17. Таъминоти зеҳнӣ ва кадрии бахши хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт мувофиқат мекунанд.

**2. Мубрамии мавзуи тадқиқот.**

Хусусияти зарурии ташаккулёбии низоми муосири таҳсилот стратегияи инноватсионӣ ва рақамикунонии он ба ҳисоб меравад, ки сифати таълими ҳар як муассисаи таҳсилотиро муқаррар менамояд. Сифати таҳсилот қобилияти

мутобиқати хизматрасонии таълимиро ба меъёрҳои муайянкардаи давлатӣ, талаботи дигаргуншудаистодаи бозори меҳнат ва кордиҳанда дар назар дорад.

Дар шароити муосир, технологияҳои иттилоотӣ ба яке аз афзалиятҳо дар нақшагирии инкишофи таҳсилот мубаддал гардидааст. Қисми ҷудонашаванда ва зарурии чунин технологияи раванди таҳсилот ин компютерикунонии он ба ҳисоб меравад. Ин раванд бо тағйиротҳои назаррас дар таҷрибаи хизматрасонии таҳсилотӣ ҳамрадиф буда, бо ворид намудани навгониҳои ба технологияи таҳсилот алоқамандӣ дорад, ки бо имкониятҳои технологии муосир мутобиқат карда, бахри воридшавии муҳассилин ба фазои иттилоотии ҷамъият мусоидат намояд. Дар ин росто инкишофи муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҷодаи идоракунии сифати хизматрасонии таҳсилот муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ карда мешавад.

Ташкил ва татбиқи идоракунии сифати хизматрасонии таҳсилот дар замони паҳнгардии унсурҳои иқтисодиёти рақамӣ, ногузир истифодаи ҳаматарафа ва такомули воситаҳои иттилоотиро талаб менамояд. Пӯшида нест, ки дар асри XXI инкишофи технологияи иттилотӣ то ба дараҷае расидааст, ки истифодабарии он барои идоракунии сифати хизматрасонии таҳсилот имконияти васеъи таҳлил ва баҳодиҳии ин равандро ва баланд намудани сифати онро таъмин намуда метавонад. Бинобар ҳамин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси натиҷаҳои инкишофи технологияҳои иттилоотӣ низоми идоракунии автоматикунонидашудаи хизматрасонии таҳсилот коркард ва татбиқ шудаанд. Таҳлилҳо собит менамоянд, ки дар ҳар як муассисаи таҳсилоти олии касбии мамлакат ба худ хос низоми идоракунии хизматрасонии таҳсилот таҳия гардида, истифода шуда истодааст. Барои фарогир шудан ба фазои ягонаи таҳсилот ва муайян намудани унсурҳои ягонаи баҳодиҳии сифати хизматрасонии таҳсилот дар шароити муосир коркарди амсилаи иқтисодӣ-математикии ягона зарур ба ҳисоб меравад. Зеро истифодабарии технологияҳои иттилоотии муосир дар низоми хизматрасонии таҳсилот метавонад барои баланд намудани сатҳи сифати таълиму тадрис мусоидат намояд. Маҳз воситаҳои иттилотӣ дар

шароити муосир воситаи самараноки баланд намудани сатҳи хизматрасонии таҳсилотӣ ба ҳисоб меравад. Зеро дар асоси таҳияи барномаҳои махсуси компютерии таҳсилот бо истифода аз амсилаҳои иқтисодӣ-математикӣ китобхонаҳои электронӣ, маҳзани маълумоти иттилоотӣ доир ба тарзи хизматрасонии таҳсилот ва баланд намудани сафати он роҳандозӣ мешаванд. Инчунин ҷоиз ба таъкид аст, ки сифати раванди таълим масъалаи муҳим ва афзалиятноки таъмини рақобатпазирии муассисаҳои таълимӣ ба ҳисоб рафта, пеш аз ҳама ин хислат ба низоми таҳсилоти олии касбӣ мансубият дорад. Бинобар ҳамин таҳқиқоти Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзуи "Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)" сариваќтӣ буда, мубрамияти худро ифода менамояд.

## 3. Сохтор ва таркиби диссертатсия.

Сохтор ва таркиби диссертатсия мақсад ва масъалаҳои тадқиқотро пурра инъикос менамояд. Он аз муқадима, панҷ боб, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот, рӯйхати адабиёт 424 ва замимаҳо иборат мебошад, ки 376 саҳифаи матни компютериро дар бар гирифта аз 10 ҷадвал, 35 расм ва 363 адад номгӯи адабиёти истифода шуда иборат аст.

**Дар муқаддима** тавсифи умумии таҳқиқот баён карда шуда, мубрамии мавзуи тадқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, объекти таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, мавзӯи таҳқиқот, сарчашмаи таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқоти гузаронидашуда, нуктаҳои ба ҳимоя пешкашшаванда, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудааст. (с. 6-37)

**Дар боби якум "Асосҳои илмию назариявии рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ"** унвонҷӯ мӯҳтавои асосҳои назариявии ташаккул ва рушди низоми идоракунии хизматрасониҳои таълимиро дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ, таҳаввули моҳияти сифат ва татбиқи он дар низоми

идоракунии хизматрасониҳои таълимӣ, инчунин принсипҳои асосӣ, замина ва механизми ташаккули низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқот қарор додааст. (с. 38-94). Дар доираи ин боб, Раҳмонзода З. Ф. дуруст таъкид менамояд, ки "Навсозии сифатноки низоми таҳсилотро дар заминаи "Ҳадафҳои рушди устувор" дар самти таълими донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат бо назардошти талабот ва ба ҳисоб гирифтани унсурҳои зерин амалӣ гардонидан мумкин аст: ба эътибор гирифтани тағйирёбии мунтазами талаботи иқтисодиёт ва бозори меҳнати муосир нисбат ба низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ, ки дар заминаи татбиқи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ташаккул ёфтааст ва ба роҳ монда шудааст; ҳамгиро сохтани низоми таҳсилот бо низомҳои таҳқиқотӣ, рушди иқтисодӣ ва рушди иҷтимоии ҷомеа; самтгирии низоми таҳсилот ба амалия, ташаккули маҳорату малакаҳои донишҷӯён ва салоҳиятнокии онҳо; ташаккули инфрасохторҳои дахлдори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва заминаҳои технологии таълим дар онҳо; ҳамкории шабакавӣ ҳамчун воситаи ташкили шарикии ҳамаҷонибаи субъектҳо ва иштирокчиёни таҳсилот, ки мустақиман ё ғайримустақим дар татбиқи низоми идоракунии хизматрасониҳои таълимӣ иштирок мекунанд ва ғайра". (с. 40). Дар натиҷа муаллиф ба хулосае меояд, ки мутофиқи он "муносибати нави таълимӣ ба салоҳиятнокии ҳам муҳассилину ҳам омӯзгорон нигаронида шуда, фаъолнокӣ, мустақилият ва озодиҳои академии донишҷӯёну хонандагонро роҷеъ ба интихоби маводи таълимӣ ва азхудкунии мавзуъҳои дарсӣ таъмин намуда, мавқеи назоратию маслиҳатчигии омӯзгорро фаъолтар мегардонад ва онҳоро ба истифодаи усулҳои фаъолтару самарабахштари таълимӣ ҳидоят мекунад". (с. 45).

Унвонҷӯ куллан дуруст қайд мекунад, ки "Барои ноил шудан ба сатҳи баланди сифати фаъолият ва натиҷаҳои раванди таълим, ки бо намунаҳои беҳтарини ҳамин гуна системаҳо рақобатпазир буда, ҷавобгӯи стандартҳои дахлдори таҳсилотӣ бошад, дар асоси принсипҳо ва қонуниятҳои илмӣ ва бо назардошти омилҳои гуногуни таъсиррасон ва шартҳои мухталиф бояд тамоми

иқтидорҳои зерсохторҳои муассисаи таълимӣ истифода ва фаъол гардонида шаванд” (с. 77).

**Дар боби дуюми диссертатсия “Ҷанбаҳои методологии рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ”** хусусият ва марҳилаҳои асосии татбиқи технологияҳои иттилотӣ дар низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ, истифодаи методологияи идоракунии умумии сифат дар баланд намудани сифати хизматрасонии таълимӣ, таснифи омилҳои ба низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ таъсиррасонанда мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд (с. 95-154).

Дар ин боби диссертатсия ба муаллиф муяссар гаридааст, ки моҳияти фарҳанги иттилотиро ба таври возеъ кушода диҳад. Ба ақидаи Раҳмонзода З. “Мафҳуми «фарҳанги иттилоотӣ» бо ду мафҳуми бунёдӣ – иттилоот ва фарҳанг алоқаманд аст. Фарҳанги иттилоотӣ – ин маҳорати мувофиқи мақсад истифода бурда тавонистани иттилоот ва барои дарёфт, коркард ва интиқоли он татбиқ карда тавонистани технологияҳои компютерии иттилоотӣ, воситаҳои техникӣ ва усулҳои муосири корбарӣ бо иттилоот мебошад. Зери мафҳуми фарҳанги иттилоотӣ, инчунин маҷмуи донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои ҷустуҷӯ, интихоб, нигаҳдорӣ ва таҳлили иттилоот фаҳмида мешавад, яъне ҳама он чизе, ки ба фаъолияти иттилоотӣ дахл дошта, барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти иттилоотӣ равона гардидааст. Ба фарҳанги иттилоотӣ, ки тарзи фаъолияти ҳаёти инсон дар ҷомеаи иттилоотӣ мебошад, ҳамчун қисми таркибии раванди ташаккулёбии фарҳанги башарӣ баҳо дода мешаванд. Шароитҳои нави корӣ вобастагии иттилоотии як нафарро аз иттилооти бадастовардаи нафарони дигар ба вуҷуд меорад. Бинобар он, имрӯз танҳо мустақилона аз худ карда тавонистан ва захира кардани иттилоот кифоя нест. Бояд он гуна технологияи корбарӣ бо иттилоотро омӯхт, ки тавассути онҳо қарорҳои дахлдор дар асоси донишҳои дастаҷамъӣ омода ва қабул карда мешаванд.” (с. 102).

Дар с. 118 унвонҷӯ, расми 2.2 “Тавсифҳо ва хусусиятҳои (параметрҳои) умумитарини сифати хизматрасониҳои таълимӣ” овардааст, ки дар он нишондодҳои зарурии сифати хизматрасонии таҳсилотро гирд овардааст, ки ҷолиби диққат мебошанд. Чунин муносибат ба диссертатсиянавис имкон дод, ки доир ба вобастагии рушди иқтисодиро аз салоҳиятнокии мутахассисони касбӣ ва сифати хизматрасонии таълимӣ хулосаи илмии арзишмандеро пешкаш намояд, ки чунин аст: “Гарчанде вобастагии рушди иқтисодиёти миллӣ аз салоҳиятнокии мутахассисони касбӣ ва сифати хизматрасониҳои таълимӣ як масъалаи маъмулӣ ба ҳисоб равад ҳам, хизматрасониҳои ҷорие, ки имрӯз аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ба ниёзмандони илму маърифат пешниҳод карда мешаванд, бисёр беҳбудӣ мехоҳанд. Сифат ва самаранокии онҳоро танҳо дар заминаи технологияҳои муосири иттилоотиву коммуникатсионӣ боло бурдан ва ба талаботи замона ҷавобгӯй гардонидан мумкин аст. Таҳлилҳо нишон доданд, ки омезиши ҷузъҳои таркибии Низоми Болонии таҳсилот бо низоми феълии маорифи мамлакат нақш ва таъсири омилҳои берунаро ба идоракунӣ ва сифати таҳсилоти олии касбӣ амиқтар гардонидааст. Хулосабардорӣ шудааст, ки барои арзёбии дурусти хусусиятҳои раванди таълим ва сифати хизматрасониҳои таълимӣ омилҳои таъсиррасон ва механизми рушди босифати ин хизматрасониҳоро дар донишгоҳҳои кишвар вобаста ба шароити иқтисоди бозорӣ муайян намудан ва истифода бурдан зарур аст.” (с. 154). Чунин хулосабарории муаллиф ба мақсади таҳқиқот мутобиқат карда, боиси дастгирист.

**Дар боби сеюм “Таҳлили вазъи муосири сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ”** бо истифода аз усулҳои маъмул, алалхусус усули эмпирикӣ тамоюли рушди низоми таҳсилоти олии касбӣ ва татбиқи технологияи иттилоотӣ, зарурати сифати таҳсилот ва таъсири омилҳои ба раванди баланд намудани сифати хизматрасониҳои таълимӣ, сатҳи сифати таҳсилот дар заминаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор дода шудаанд. (с. 155-204).

Ҳангоми таҳлили тамоюли рушди низоми таҳсилоти олии касбӣ дар мамлакат муаллиф дуруст қайд мекунад, ки “рушди устувори иқтисодиёти миллиро дар ҳолате таъмин кардан мумкин аст, ки агар фаъолияти бозорҳои мухталифи дар мамлакат амалкунанда, аз ҷумла бозори хизматрасониҳои таълимӣ, дуруст ба роҳ монда шавад. Дар Тоҷикистон бозори хизматрасониҳои таълимӣ – бозори муташаккил ва зудинкишофёбанда ба қайд гирифта шуда, хизматрасониҳои гуногуни таҳсилотиро ба анҷом мерасонад”. (с. 176).

Сифати таҳсилот ва таъсири омилҳои ба раванди баланд намудани сифати хизматрасониҳои таълимиро мавриди таҳлил қарор дода, Раҳмонзода З.Ф. бо дарназардошти аҳамияти идоракунии сифати таҳсилот ва амсилаи низоми идоракунии сифати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, як қатор омилҳоро аз ҳам ҷудо мекунад, ки онҳо дар ҳақиқат ба сифати хизматрасониҳои таълимӣ таъсир мерасонанд (расми 3.3.). (с. 183).

Бо мақсади баҳогузории тестгузаронӣ дар мактабҳои олӣ, муаллиф амсилаи якпараметраи дихотомии Георг Раша ва амсилаҳои дупараметра, сепараметра ва чорпараметраи Арвед Бирнбаумро мавриди таҳлил қарор медиҳад. (с. 189-191). Чунин таҳлил ба муаллиф имкон медиҳад, ки сатҳи омодагии донишҷӯёнро бо тасвир намудани каҷхаттаҳои амсилаҳои А. Бирнбаум ва Г.Раша ифода намояд. (с. 192-193). Дар натиҷа ба унвонҷӯ муяссар гардид, ки алгоритми раванди мутобиқшавии донишҷӯро ба тестгузаронии компютерӣ муайян намоянд (расми 3.7). (с. 195).

**Боби чоруми диссертатсияи тақризшаванда таҳти унвони “Амсиласозии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ”** номгузорӣ шуда, дар доираи он амсилаи консептуалии низоми иттилоотии идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ, инчунин алгоритмҳои амалисозии марҳилаҳои татбиқи низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ муқаррар карда шудаанд. (с. 205-250). Барои комилан таҳия намудани иқтидори низоми иттилоотии ягонаи идоракунӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат, аз тарафи

муаллиф амсилаи консептуалии низоми идоракунии сифати хизматрасонии таълимӣ коркард шудааст (расми 4.2). (с. 210). Бо мақсади истифодабарии амсилаи пешкаш карда шуда, аз тарафи муаллиф алгоритми амалисозии давраи омодагӣ ба татбиқи низоми идоракунии сифати хизматрасонии таълимӣ пешкаш карда шудааст, ки ҷолиби диққати махсус мебошад. (с. 232). Дар ин росто амсилаи равандҳои асосии низоми идоракунии сифати хизматрасонии таҳсилот, ки такмили доимии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотро фарогир мебошад ҷолиби диққат аст. (с. 239). Дар ниҳоят дар асоси коркарди амсилаҳои номбурда, муаллиф алгоритми амалисозии давраи ниҳоии татбиқи низоми идоракунии сифати хизматрасонии таҳсилотиро таҳия намудааст, ки дар доираи он тамоми унсурҳои имконпазири идоракунии сифати таҳсилот ба инобат гирифта шудаанд (расми 4.11). (с. 245).

**Дар боби панҷуми диссертатсия "Самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ"** аз тарафи унвонҷӯ такмили низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ ва роҳҳои баланд намудани самаранокии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар низоми идоракунии сифати хизматрасонии таълимӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд (с. 251 – 294).

Дар доираи боби хотимавии диссертатсия Раҳмонзода З.Ф. сифати таҳсилот ва сатҳи донишазхудкуниро дар як қатор донишгоҳҳои мамлакат мавриди муқоиса қарор додааст. (с. 256-259). Чунин таҳлил ба муаллиф имкон дод, ки хулосаи заруриро барорад, ба монанди "такмили низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ дар шароити рақамикунонии соҳаҳои маориф, техникӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ пез аз ҳама, аз омода сохтани кадрҳои илмиву омӯзгории дорои салоҳиятҳои таълимӣ ва инноватсионию рақамӣ сахт вобаста мебошад. Зеро рушди бесобиқа ва босуръати технологияҳои муосир аз худ кардан ва дар амал истифода бурда тавонистани

махзани донишҳои замонавӣ ва дастоварду кашфиётҳоро тақозо менамояд.” (с. 267).

Баҳри баланд бардоштани самаранокии истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ, бо истифода аз аппарати математикӣ, муаллиф коэффитсиенти самаранокии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро барои мактабҳои олӣ муқаррар намудааст. (с. 268-286).

**Дар хулоса ва пешниҳоди истифодабарии амалии натиҷаҳои таҳқиқот** тавсияҳои хусусияти назариявӣ ва амалидошта ҷамъбаст карда шудаанд. (с.295-303).

### 4. Дараҷаи асоснокии дастоварҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда

Муқаррароти таҳқиқоти илмӣ, асоснокии нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда, шаҳодат аз он медиҳад, ки муаллиф аз назарияҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ доир ба масъалаи мукаммалгардонии сохторҳои сатҳу сифати таҳсилот дар заминаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ васеъ истифода намуда, дар асоси онҳо роҷеъ ба паҳлуҳои асосии масъалаи мазкур нуқтаи назари худро пешниҳод намудааст. Дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки мавзӯи таҳқиқгардида ва натиҷаҳои бадастовардашуда муваффақиятҳои муаллифро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд.

Шиносоӣ бо диссертатсияи тақризшаванда нишон дод, ки дар он муаллиф дар асоси истифодабарии усулҳои маъмули тадқиқоти иқтисодӣ бо дарназардошти ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот ба як қатор натиҷаҳои назаррасӣ илми ноил гардидааст.

### 5. Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар рушди минбаъдаи амсиласозии иқтисодӣ дар соҳаи таъминоти сифати хизматрасонии таҳсилот, коркарди моделҳо алгоритмҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ, истифодаи эҳтимолии таҳдид дар ташаккули шабакаи компютерии корпоративӣ ифода меёбанд.

Зарурати амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он барои истифодаи методология ва алгоритмҳои самаранокии идоракунии сифати низоми таҳсилоти олӣ ба воситаи нишондодҳои самаранокии таълим, баҳри баланд бардоштани сифати таҳсилот ва афзоиши ҳаҷми донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилотии олии касбии мамлакат мусоидат менамояд. Хулосаҳои таҳқиқот метавонанд дар ҷараёни мукаммалгардонии траз ва принсипҳои таъминоти иттилоотӣ дар мамлакат, самаранокии қарорҳои қабулшавандаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба низоми таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун тавсияи методӣ баромад намоянд.

## 6. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ

Саҳми Раҳмонзода З.Ф. дар диссертатсия бо ҳалли масъалаҳои илмии гузошташуда муайян карда мешавад. Аз мутолиаи диссертатсия мушоҳида кардан мумкин аст, ки муаллиф барои ба даст овардани натиҷаҳои назарраси илмӣ таҳқиқотро ба таври назариявӣ, таҳлил ва баҳогузорӣ, амсиласозӣ, муколамаи илмӣ ва хулосабарорӣ ба роҳ мондааст. Чунин муносибат ба муаллиф имкон фароҳам овард, ки натиҷаҳои назараси илмиро дар самти назария, методология ва амалияи ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозии онро ҷамъбаст намояд. Умуман натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда барои инкишофи назария, методология ва амалияи самти таҳқиқот мусоидат менамоянд.

## 7. Инъикоси натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ

Мақолаҳои интишоршудаи унвонҷӯ, хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия мавҷудбударо инъикос менмоянд. Натиҷаи диссертатсионӣ дар 19 мақола дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ва 42 мақола дар дигар сарчашмаҳо чоп карда шудаанд. Интишороти унвонҷӯ натиҷаҳои асосии диссертатсияро фарогир мебошад. Дар мақолаи илмии муаллиф натиҷаҳои асосии таҳқиқот ба таври лозима инъикос гардидаанд.

## 8. Саҳеҳӣ ва навгонии илмии тадқиқот ва натиҷаҳои бадастомада.

Дар асоси дуруст муайян намудани ҳадаф, вазифаҳо, предмет ва объекти таҳқиқот ба Раҳмонзода З.Ф. муяссар гардид, ки доир ташаккулёбӣ ва инкишофи идоракунии сифати хизматрасонии таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ ба усулҳо ва алгоритми арзёбии самаранокии таъмини аминяти иттилоот, муқаррароти дақиқ ва асоснокшудаи илмиро баён намояд. Натиҷаҳои асосӣ ва назаррасӣ илмии диссертатсия дар чунин нуқтаҳои навгонӣ инъкиос ёфтаанд:

**Аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт):**

➢ Асосҳои илмию назариявии рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ таҳқиқ карда шудаанд: - ҷанбаҳои (муқаррароти) назариявии ташаккули низоми идоракунии хизматрасониҳои таълимӣ ҳамчун заминаи сифати таълими муназзам дар мактаби олӣ муайян карда шудаанд;

➢ Категорияи «сифати хизматрасониҳои таълимӣ» (СХТ) аз нуқтаи назари иқтисодӣ таҳқиқ карда шуда, принсипҳо, заминаҳо ва механизмҳои ташаккули низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ муайян карда шудаанд;

➢ Зарурат, хусусиятҳои умумӣ ва марҳилаҳои асосии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дақиқ карда шудаанд;

➢ Ҷанбаҳои методологии идоракунии умумии сифат (TQM) барои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ таҳқиқ карда шуда, омилҳои таъсиррасони низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ таснифбандӣ шудаанд;

➢ Дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи назария ва ҷамъбасти амалияи муосири раванди ташаккули низоми идоракунии хизматрасониҳои таълимӣ бори нахуст дар шароити иқтисоди бозорӣ тамоюлҳои асосии рушди низоми таҳсилоти олии касбӣ ва самтҳои татбиқи технологияҳои иттилоотӣ барои МТОК Тоҷикистон дар шакли мукаммал муайян карда шудаанд;

➢ Дар асоси такмил ва арзёбии ваъзи муосири сатҳу сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ тамоюлҳои асосии рушдкунандаи соҳа аз лиҳози иттилоотонии васеъ ва беҳдошти сатҳи рақобатпазирии хизматрасониҳои таълимӣ баҳои комплексӣ дода шудаанд.

**Аз рӯи ихтисоси 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт):**

➢ Дар заминаи амсилаҳои якпараметра (Г. Раша) ва бисёрпараметра (А. Бирнбаум) алгоритми раванди мутобиқшавии донишҷӯ ба тартиби тестии компютерӣ бо назардошти аниқсозии расмиёти татбиқи он, сатҳу сифати қобилиятҳои зеҳнии донишҷуён ва душвории дарки супоришҳои тестӣ таҳия карда шудааст;

➢ Дар натиҷаи таҳлили бахши хизматрасониҳои таълимӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ амсилаҳои зерини консептуалии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ барои мактабҳои олӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва усулҳои амсиласозӣ таҳия карда шудаанд: - амсилаи равандҳои асосии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ ва қисматҳои таркибии он (идоракунӣ, таълимӣ, иловагӣ) бо назардошти андозаи талаботи мизоҷон ва қонеъгардонии онҳо кор карда баромада шудааст;

➢ Барои баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ се алгоритм (ибтидоӣ, асосӣ, ниҳоӣ)-и амалисозандаи марҳилаҳои татбиқи низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ сохта шудаанд;

➢ Роҳҳои такмилдиҳӣ ва самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ҳолатҳои мавҷуд буда асоснок (пешниҳод) карда шудаанд;

➢ Амсилаи оптимизатсионии истифодаи захираҳои иттилоотӣ дар заминаи пешниҳоди вариантҳои рушди соҳаи таҳсилот ва ҳисобкунии

дурнамои рушди соҳаи хизматрасониҳои таълимӣ барои давраи то соли 2025 таҳия карда шудааст;

- Бо мақсади татбиқи низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ дар шароити мавҷудаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон тибқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ тавсияҳои методӣ ва умумӣ кор карда баромада шудаанд.

**9. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосавии пешниҳодҳо дар диссертатсия зикршуда.**

Асоснокӣ ва эътимоднокӣ дар натиҷаи таҳқиқоти кори илмӣ бадастомада вобаста аст аз таҳлили ҳомаҷонибаи маълумоти назариявӣ ва амалии сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ, маълумотҳои оморӣ ба даст оварда шудаанд. Муқаррароти таҳқиқоти илмӣ, асоснокии нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда, дар асоси омӯзиш ва таҳқиқи назарияҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ доир ба инкишофи низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар асоси истифодабарии ҳамаҷонибаи технологияҳои иттилоотӣ ва амсиласозии иқтисодӣ-математикии таҳлил ба баҳогузориӣ сифати таҳсилот васеъ истифода шудаанд. Хулосаю пешниҳодҳо оид ба истифодабарии амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар таъмини такомули низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ бо истиофода аз технологияҳои иттилоотӣ ва амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ дар мактабҳои олии кишвар ва барои омода намудани муттахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ нигаронида шудаанд.

**10. Мутобиқати автореферат ба муқаррорти асосии диссертатсия**

Автореферати диссертатсия мувофиқи талаботи муайянгардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) тартиб дода шуда, мӯҳтавои асосии диссертатсияро ифода карда,

дар он натиҷаҳои илмии ба даст овардашуда асоснокгардида, ба таври возеҳ баён карда шудаанд.

**11. Камбудиҳои тадқиқоти дисертатионӣ.**

Новобаста ба дараҷаи баланди илмӣ-амалии дисертатсияи тақризшаванда, ба фикри мо, дар он як қатор норасогиҳоро мушоҳида кардан мумкин аст. Ба онҳо дохил мешавад:

1. Ҳангоми таҳлили таҳқиқотҳои мухталиф вобаста ба мавзуи кори илмии таҳқиқшаванда унвонҷӯ ба корҳои илмии як қатор муаллифони ватанӣ диққати махсус зоҳир накардааст. Ба монанди Мақсудов Х.Т., Абдуллоев А. ва дигарон. Ба андешаи мо, хуб мешуд, ки зимни таҳлил барои боз ҳам равшантар гардидани вазъи мавзуи таҳқиқшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷиикистон ба асарҳои муаллифони ватанӣ бештар диққат зоҳир карда шавад.

2. Дар боби дуюм ҷанбаҳои методологии рушди низоми идоракунии сифати хизматрасонии таълимӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ ба таври пурра баррасӣ нагардидаанд.

3. Дар қисмати якуми боби сеюм, ҷадвалҳои таҳлилӣ танҳо солҳои 2013 то соли 2018 ва дар баъзе мавридҳои то соли 2020 фаро гирифтааст. Беҳтар мешуд агар ҳангоми таҳлил солҳои охир ба инобат гирифта мешуданд.

4. Дар параграфи 3.3, расми 3.3 омилҳои таъсиррасон ва муайянкунандаи сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар мактабҳои олӣ оварда шудаанд. Хуб мешуд дар ин ҳошия гуруҳбандии ин омилҳо амалӣ карда мешуданд.

5. Ба фикри мо беҳтар мешуд, агар муаллиф дар доираи боби чорум ё панҷум низоми идоракунии иттилоотии матабҳои олии кишваррҳо муқоиса карда, афзалият ва хафҳои имконпазири онҳоро баён менамуд.

6. Бисёр хуб мешуд, ки барои амсилаҳои пешниҳодгардида воситаи барномавии мушаххас аз тарафи муаллиф пешниҳод карда мешуданд.

7. Баъзе аз вожаҳо ва истилоҳот дар диссертатсия таҳрирталаб мебошанд.

Эроду норасогиҳои номбурда аҳамияти илмӣ, методӣ ва амалии диссертатсияро коста нагардонида, бештар хислати тавсиявӣ доранд.

**12. Хулосаи умуми доир бо диссертатсия.**

Диссертатсияи Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзӯи “Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои 08.00.00 - Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 - Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) пешниҳод гардида дар сатҳи баланди илмӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ва мӯҳтаво ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад. Бинобар ҳамин муаллифи диссертатсия Раҳмонзода Зоир Файзалӣ сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои 08.00.00 - Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 - Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
директори Институти илмӣ-тадқиқотии
илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқи
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б.Ғафуров” Қодиров А.Л.

Имзои директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” д.и.и., профессор Қодиров А.Л.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
“ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров Ҳусейнова З.С.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; (+992) 92 777 40 63. Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: kadir55@mail.ru